***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ дар мавзуи «Вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.***

Дар асоси маводи насри муосир омӯзиш ва баррасии вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ дар айни замон муфид мебошад. Таҳқиқоти дар ин самт ба анҷомрасида ба нимаи дуюми асри бистум мансуб мебошанд. Дар даҳсолаҳои баъдӣ тағйиротҳои куллӣ ба миён омаданд, аммо дар ин қисмати забоншиносӣ дар даҳсолаҳои охир пажуҳиши мукаммале доир ба наҳв, хусусан, ҷумлаҳои сода ба миён наомад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи вижагиҳои сохторӣ ва маъноии ҷумлаҳои сода дар асоси насри муосир тақозои замон буда, метавонад барои ташаккули ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ мусоидат намояд.

Аз мухтавои автореферати Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ бармеояд, ки кори таҳқиқии ӯ аз муқаддима, 4 боб, 28 фасл, 15 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

**Муқаддимаи** автореферати диссертатсияи Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ тибқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ таҳия гардида, мақсаду вазифаҳо ва навоварии таҳқиқ, арзиши назарию амалӣ, методу усулҳои таҳқиқ муайян гардида, масоиле, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, нишон дода шудааст.

**Боби якуми** диссертатсия «**Хусусиятҳои дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ»** номгузорӣ шуда, аз панҷ фасл иборат мебошад. Фасли аввал – «**Масъалаҳои назарии таҳқиқи ҷумлаҳои сода дар забоншиносии умумӣ»** ба масъалаҳои омӯзиш ва таснифи сохториву маъноии ҷумлаҳои сода дар забоншиносии хориҷӣ, аз ҷумла рус бахшида шудааст. Дар ин фасл муҳаққиқ адабиёти зиёди илмию назариро таҳлил ва баррасӣ намуда, хулосаҳои дақиқ мебарорад. Илова бар ин, таъсири мактаби забоншиносии русро ба забоншиносии тоҷик нишон дода шудааст.

**Фасли дуюм «Масъалаҳои назарии таҳқиқи ҷумлаҳои сода дар забоншиносии тоҷик»** ном дошта, ба омӯзиш ва баррасии пешинаи мавзуи таҳқиқ ва таърихи омӯзиши ҷумлаҳои сода дар забоншиносии тоҷик иртибот дорад. Диссертант сайри таърихӣ намуда, адабиёти зиёди илмию назариро ба риштаи таҳқиқ кашида, ба чунин хулоса омадааст, ки ҷолиб аст: «Дар назари аввал масъалаи ҷумла дар илми забоншиносӣ пурра омӯхта шудааст, аммо дар таърихи илми забоншиносӣ вобаста ба пайдоиши илмҳои гуногуни иҷтимоӣ масъалаи наҳви ҷумлаҳои сода, дар баробари ҳама проблемаҳои дигари ин илм муносибати нав ба навро талаб мекунад. Дар даҳсолаҳои охир дар омӯзиши илми забонишиносӣ унсурҳои омӯзишии илмҳои гуногун ворид гардида, талаб мекунанд, ки ба бисёр масъалаҳои илмии омӯхташудаи сохтори забон диди тозае ворид карда шавад» (автореферат, саҳ. 14). Дарвоқеъ, забон низ ҳамчун

ҳамоҳанги замон пеш меравад, тараққӣ мекунад, унсурҳои нави луғавию дастуриро қабул мекунад ва аз ин рӯ, ба ковишҳои нави илмӣ ниёз дорад.

**Фасли сеюми** боби аввал **«Меъёрҳои таснифи сохтории ҷумлаҳои сода»** унвон гирифта, дар ин қисмати пажуҳиш бештар ба масъалаҳои меъёрҳои таснифоти ҷумлаҳои сода ва хелҳои он таваҷҷуҳ дода шудааст.

**Фасли чоруми** боби мазкур **«Майдони наҳвӣ ва муносибати парадигмативӣ дар ҷумлаҳои сода»** номгузорӣ шуда, он ба масъалаҳои роҳҳои гуногуни инкишоф, пайдо шудани маъноҳои иловагӣ ва аз ҷиҳати грамматикӣ мураккаб гардидани қолабҳои ниҳоии ҷумлаҳо, аз ҷумла, гузаштани як қолаби тадриҷан тағйирёбанда дар алоқа бо дигар қолабҳо ва ғайра бахшида шудааст.

Дар **фасли чорум – «Тарҳи шартии сохтори ҷумлаи сода»** муҳаққиқ ба масъалаҳои тарҳи шартии сохтори грамматикӣ ва маъноии ҷумлаҳои дутаркиба ва яктаркиба таваҷҷуҳ намуда, тарҳи дутаркибаи сохтори ҷумларо ба ҷумлаҳои дутаркибаи номӣ ва ҷумлаҳои дутаркибаи масдарӣ ҷудо намуда, мавриди баррасӣ қарор додааст.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Хелҳои ҷумлаи сода аз рӯйи сохту таркиб дар забони муосири тоҷикӣ»** унвон дошта, аз ҳашт фасл иборат аст. Фасли аввали боби мазкур «**Ҷумлаҳои содаи яктаркиба»** номгузорӣ шуда, дар он доир ба таснифоти сохтории ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва роҳҳои ифодаи онҳо дар насри муосир сухан ба миён омадааст. Муаллиф барои исботи андеша ва ё тақвият додани фикраш аз сарчашмаҳои таҳқиқ мисолҳои мушаххас овардааст.

**Фасли дуюми** боби дуюм **«Ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс»** ном дорад. Дар ин фасл муаллиф кӯшидааст, ки ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс ва роҳҳои истифодаи онҳоро дар насри муосир дар асоси мисолҳои мушаххас аз адабиёти муосири тоҷик баррасӣ намояд.

**Фасли сеюми** боби мазкур «**Ҷумлаи содаи яктаркибаи номуайяншахс»** унвон дошта, муҳаққиқ бар он назар аст, ки пажуҳиши ин навъи ҷумлаи сода аз нимаи асри бистум оғоз ёфта, тамоми вижагиҳои ҷумлаи содаи яктаркибаи номуайяншахс дар таълифоту таҳқиқоти мавҷуда зикр наёфтааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқ вижагиҳои ин навъи ҷумлаҳоро дар насри муосир ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

**Фасли чоруми** боби дуюм **«Ҷумлаи содаи яктаркибаи умумишахс»** ном гирифта, дар ин фасл хусусиятҳои маъноӣ, сохторӣ ва роҳҳои ифодаи ин навъи ҷумлаҳои сода таҳлил шудааст.

**Фасли панҷуми** боби дуюм **«Ҷумлаи содаи яктаркибаи бешахс»** ном дошта, диссертант бар он назар аст, ки «он бо масдару феълҳои модалии **бояд, набояд, боист, нашояд,** феълҳои **тавонистан, шудан**, калимаҳои **зарур, даркор, лозим, мумкин** ифода меёбад» (автореферат, саҳ. 22). Диссертант бо нияти тақвияти андешаҳояш мисолҳои зиёдеро таҳлилу баррасӣ намудааст.

**Фасли шашуми** боби дуюм **«Ҷумлаҳои яктаркибаи унвонӣ»** ном дошта, ин навъи ҷумлаҳои сода аз рӯйи хусусияташон ба ҷумлаҳои унвонии тавсифӣ, ишоратӣ, ҳиссачадор ва беҳиссача тасниф гардида, ҳар кадоме дар алоҳидагӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

**Фасли ҳафтуми** боби дуюм – **«Ҷумлаҳои содаи дутаркиба»** ба таҳқиқи вижагиҳои ҷумлаҳои содаи дутаркиба ва хелҳои он бахшида шудааст. Муаллиф ин навъи ҷумлаҳои содаро аз ҷиҳати иштироки сараъзо ва аъзоҳои пайрав ба хуллас ва тафсилӣ ҷудо намуда, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар **фасли ҳаштуми** боби дуюм – **«Ҷумлаҳои содаи пурра ва нопурра»** бештар ба принсипҳои таснифи онҳо таваҷҷуҳ дода шудааст.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Хелҳои ҷумлаи сода аз рӯйи мақсади гуфтор дар забони муосири тоҷикӣ»** ном дошта, аз панҷ фасл иборат аст.

**Фасли аввали** боби сеюм **«Ҷумлаи содаи ҳикоягӣ (хабарӣ)»** унвон гирифтааст. Муҳаққиқ дуруст қайд кардааст, ки «Категорияи модалият хоси ҳама гуна ҷумлаҳои ҳикоягӣ буда, ба категорияи замон алоқаманд аст. Хусусияти объективии модалият дар он ифода мешавад, ки ба воситаи ҷумла дар бораи ашё ва ҳодисаҳои олами ҳастӣ, ки ба таври воқеӣ дар яке аз замонҳо мавҷуд мебошад, хабар дода мешавад... Тобишҳои маънои зарурат, имконпазирӣ, хоҳиш, орзуву ният, шубҳаву гумон, тахмин, боварию нобоварӣ, баҳодиҳӣ, ҳаяҷон, афсӯсу дареғ, аҳсану офарин ба категорияи модалияти субъективӣ дохил мешаванд» (автореферат, саҳ. 26).

**Фасли дуюми** боби сеюм **«Ҷумлаи содаи саволӣ»** унвон дорад. Дар ин фасл ҷумлаҳои саволии хоссаю риторикӣ ва роҳҳои ифодаи онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант ҷумлаҳои содаи саволиро дар асарҳои бадеӣ “яке аз воситҳои муҳимтарини объекти тасвир” маънидод намудааст.

**Фасли сеюми** ин боб **«Ҷумлаи содаи амрӣ»** номгузорӣ шуда, роҳҳои ифодаи ин навъи ҷумлаҳои сода дар насри муосир дар асоси осори илмӣ ва сарчашмаҳои адабӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Фасли чоруми** боби мазкур «**Ҷумлаи содаи хитобӣ»** унвон дошта, вижагиҳои ин навъи ҷумлаҳо дар насри муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муҳаққиқ бар он назар аст, ки хабари ҷумлаҳои хитобӣ дар насри муосир бо феълҳои содаи **зиҳӣ** ва таркибии **зинда бод, поянда бод, нест бод, хуҷаста бод** ифода ёфта, ба мундариҷаи ҷумла тобишҳои модалии некхоҳиву орзумандӣ ва ё баръаксро мебахшанд.

**Фасли чоруми** боби сеюм «**Ҷумлаҳои содаи тасдиқӣ ва инкорӣ**» унвон гирифтааст. Муҳаққиқ дар ин фасл кӯшидааст, ки корбурди ин навъи ҷумлаҳоро дар насри бадеӣ таҳлил ва баррасӣ намояд.

**Фасли панҷуми** боби сеюм ба таҳқиқи масоили марбут ба ҷумлаҳои содаи тасдиқӣ ва инкорӣ бахшида шуда, ба андешаи диссертант «Хусусияти тасдиқӣ ё инкории ҷумла инъикоси муносибатҳои байни ҳодисаҳои воқеият аст» (автореферат, саҳ. 29).

**Боби чоруми** диссертатсия **«Нақш ва мавқеи аъзоҳои ҷумлаи сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ» ном гирифта, бо манзури сохтор** аз 10 фаслу 15 зерфасл таркиб ёфтааст. Муҳаққиқ дар ин фасл кӯшидааст, ки нақши аъзоҳои ҷумларо дар ташкили ҷумлаҳои сода дар фаслу зерфаслҳои ҷудогона дар асоси маводи насри муосир таҳлил ва баррасӣ намояд.

Натиҷаҳои пажуҳиш, ки дар 28 банд манзур шудаанд, истиноди зарурӣ ба таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ ба назар мерасад. Илова бар ин, хулосаҳо мушаххас ва боэътимоданд.

Дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки зикри баъзеи онҳоро бамаврид мешуморем:

1. Дар автореферати диссертатсия гуногуннависии ному насаби муҳаққиқон ва таълифоти онҳо ба назар расид, аз ҷумла асари С. Ализода бо ду шакл зикр шудааст: «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ» (саҳ. 4, 5) ва «Сарфу наҳви тоҷикӣ» (саҳ.13).
2. Дар саҳифаҳои гуногуни гунаи русии автореферат (саҳ. 9, 16, 18, 22) ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида расиданд.

Ғалатҳои зикршуда сифати корро коста намегардонанд, зеро довталаби дараҷаи илмӣ аз иҷрои мақсаду вазифаҳои гузошташуда баромадааст.

**Ҳамин тариқ,** автореферати диссертатсияи Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ дар мавзуи «Вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

доктори илмҳои филологӣ, мудири
кафедраи забони тоҷикии МДТ
«Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино» Низомӣ С.Ф.

Нишонӣ: 734067, шаҳри Душанбе,
маҳаллаи Навбаҳор, хонаи 622.
Тел.: 935154029
E-mail:sanobarnizomova66@gmail.com

Имзои Низомӣ Санавбар Фахриро
тасдиқ менамоям:
сардори Раёсати рушди кадрии Муассисаи
давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» Сафаров Б.И.

Нишонии муассиса:
734003, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Сино 29-31;
Тел.: (+992) 44-600-39-77; факс: (+992) 235-34-96
E-mail:info@tajmedun.tj
Сомонаи расмӣ: www.tajmedun.tj

10-уми октябри соли 2025.